Суратмаҷлиси №8
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 15 сентябри соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 14 нафар

РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ (роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор Муродӣ М.Б.) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна ба шурои диссертатсионӣ.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Абдуллоева Машҳура Нематовна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Абдуллозода Масрур Аҳмад** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

- **Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович** – доктори илми филология, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;

- **Азимов Аъзамҷон Холматович** – доктори илми филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аъзои комиссияи экспертӣ;

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.